باللغة الطاجيكية

# إرشاد الأنام إلى أصول ومهمات دين الإسلام

# سؤال وجواب

إعداد

عمر بن عبد الرحمن العمر

المترجم

شهاب الدين بن صالح الطاجيكي

# Раҳнамои мардум ба сӯи усул ва муҳиммоти дини Ислом суол ва ҷавоб

Эъдоди доктор
Умар ибни Абдурраҳмон ал-Умар
Тарҷумон
Шаҳобиддин Солиҳ

## Пешкаш кардани самоҳати муфтии оми Мамлакат

### Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Ҳамду сипос барои Аллоҳ, ки Парвардигори ҷаҳониён аст ва салоту салом бар Паёмбари мо Муҳаммад ва бар хонаводаи Ӯ ва ҳамсуҳбатонаш ба якборагӣ бод, аммо баъд:

Ман китоби (Иршод-ул-аном ило усули ва муҳиммоти дини Ислом), ки доктор Умар ибни Абдурраҳмон ал-Умар омода кардааст, нигоҳ кардам. Он бо вуҷуди ҳаҷми хурдаш масъалаҳои муҳимро дар тавҳид ва ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат бо зикри аҳкоми вузӯ, намоз, закот, рӯза ва ҳаҷро ба таври ихтисор шомил мебошад.

Онро китоби муфид дар мавзӯи худаш, ки бар шакли суолу ҷавоб ба ибораи осон нависта шудааст, то хондан ва фаҳми он барои хонанда осон гардад ва нек аст, ки китоб ба дигар забонҳо тарҷума карда шавад, то ки инчунин касоне ки забони арабиро намедонанд, аз ин истифода баранд.

Ва саллаллоҳу ва саллама ало набийино Муҳаммад ва салому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ.

Муфтии оми Шоҳи Арабистони Саудӣ, Раиси Шӯрои олимони калон, Роҳбари илмҳои тадқиқотӣ ва фатводиҳӣ
Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Муҳаммад Оли Шайх

## Пешкаш кардани ҷаноби олӣ шайх аллома доктор Солиҳ ибни Фавзон ал-Фавзон

**Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим**

Ҳамду сипос барои Аллоҳ аст ва баъд, ман рисолаи шайх: Умар ибни Абдурраҳмон ал-Умарро, ки ба унвони: "Иршод-ул-аном ило усули ва муҳиммоти дин-ил-Ислом" назар кардам, пас онро бо вуҷуди мухтасар буданаш муфид ва нек ёфтам, пас Аллоҳ ӯро ҷазои хайр диҳад ва ба он нафъ диҳад ва саллаллоҳу ало набийино Муҳаммад ва олиҳи ва саҳбиҳ.

Инро

**Солиҳ ибни Фавзон ал-Фавзон**

аъзои Шӯрои олимони калон

дар 10/2/1437 ҳиҷрӣ

навистааст

## Пешгуфтори муаллиф

Ҳамду сипос барои Аллоҳ, ки моро ба тавҳид ва суннат раҳнамоӣ кард ва салоту салом бар паёмбари раҳнамо ва раҳмат, паёмбари мо Муҳаммад ва бар хонаводаи Ӯ ва ҳамсӯҳбатонаш нозил бод, аммо баъд..

Албатта омӯхтани тавҳид ва усули дин аз муҳимтарини муҳиммот ва воҷибтарини воҷибҳост, то ки ақида ақидаи дуруст ва ибодат ибодати машрӯъу холис барои ризои Аллоҳ таъоло, мувофиқи шаръи расули Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бошад.

Ба хотири ин, ин рисолаи мухтасарро мувофиқи Қуръон, суннат ва он рисолаҳои нафъовару муҳиммеро ки олимони уммат ва имомҳои даъват навистаанд, навистам ва онро "Иршод-ул-аном ило усули ва муҳиммоти дин-ил-Ислом", (Раҳнамои мардум ба сӯи усул ва муҳиммоти дини Ислом) номидам ва онро бар бобҳо тақсим карда ва ба тариқаи суолу ҷавоб қарор додам, то ки ба сӯи фаҳм ва дуруст дарк кардан қарибтар бошад.

Ва Аллоҳ таъолоро мепурсам, ки ин рисоларо холис барои ваҷҳаш, мувофиқи ризогияш, нофеъ барои бандагонаш қарор диҳад ва саллаллоҳу ва саллама ало набиййино Муҳаммад ва ало олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин.

# Боб оиди се усул

## С-1/ Се усуле, ки маърифати он бар ҳар марду зани мусалмон воҷиб мебошад, чист?

Се усуле, ки маърифати он бар ҳар марду зани мусалмон воҷиб мебошад, усули зерин аст:

1-Маърифати банда Парвардигорашро.

2-Маърифати банда динашро.

3-Маърифати банда паёмбараш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва салламро.

❀❀❀

## С-2/ Парвардигори ту кист?

Парвардигори ман Аллоҳ аст, ки ман ва ҳамаи ҷаҳониёнро ба неъматҳояш тарбия кардааст ва Ӯ маъбуди ман аст, барои ман маъбуде ҷуз Ӯ нест.

❀❀❀

## С-3/ Ба чӣ Парвардигоратро шинохтӣ?

Парвардигорамро ба оятҳо ва махлуқоташ шинохтам ва аз ҷумлаи оятҳояш шабу рӯз ва офтобу моҳтоб аст ва аз ҷумлаи махлуқоташ ҳафт осмон ва ҳафт замин ва касе, ки дар онҳо ва дар байни онҳост, мебошад.

❀❀❀

С-4/ Дини ту чист?

Дини ман Ислом аст ва он барои Аллоҳ ба тавҳид фармонбардор шудан ва ба тоат сар фурӯ овардан ва аз ширк ва аҳли он бароат ҷустан аст.

С-5/ Мартабаҳои дин чист?

1-Ислом. 2-Имон. 3-Эҳсон.

С-6/ Паёмбари ту кист?

Паёмбари ман Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдул-мутталиб ибни Ҳошим аст ва Ҳошим аз қурайш ва қурайш аз араб ва араб аз фарзандони Исмоил ибни Иброҳими Халил алайҳи ва ало набиййино афзалуссалоти вассалом мебошад.

## Боб оиди аркони Ислом ва маънои ду шаҳодат

С-7/ Аркони Ислом чист?

**Аркони Ислом панҷто аст ва он:**

**1-**Шаҳодати ин ки нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст.

**2-**Барпо доштани намоз

**3-**Пардохтани закот.

**4-**Рӯза доштани моҳи Рамазон.

**5-**Ҳаҷҷи хонаи Аллоҳ барои касе ки қудрати рафтанро дорад.

С-8/ Маънои шаҳодати "ло илоҳа иллаллоҳ" чист? Ва далел чист?

Маънои шаҳодати "ло илоҳа иллаллоҳ": Маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡحَقُّ وَأَنَّ مَا يَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ هُوَ ٱلۡبَٰطِلُ وَأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡكَبِيرُ ٦٢ ﴾ الحج: ٦٢

**"Ин ба хотири он аст, ки Аллоҳ ҳақ аст ва он чи ҷуз Ӯ (ба худоӣ) мехонанд ботил аст ва ба ростӣ ки Аллоҳ баландмартабаи бузург аст"**. (Сураи Ҳаҷ, ояти: 62)

С-9/ Аркони шаҳодати "ло илоҳа иллаллоҳ" чист? Ва далел чист?

**Аркони шаҳодати "ло илоҳа иллаллоҳ" дуто аст:**

**Якум:** Нафй кардан ва он гуфтани "ло илоҳа" аст.

**Дуюм:** Исбот кардан ва он гуфтани "иллаллоҳ" аст.

Ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿فَمَن يَكْفُرْ بِٱلطَّٰغُوتِ وَيُؤْمِنۢ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱسْتَمْسَكَ بِٱلْعُرْوَةِ ٱلْوُثْقَىٰ﴾ البقرة: ٢٥٦

**"Пас ҳар кас, ки ба тоғут кофир шавад ва ба Аллоҳ имон оварад, ба чунон риштаи устуворе чанг задааст".** (Сураи Бақара, ояти: 256)

Пас фармудаи Ӯ: "**Пас ҳар кас, ки ба тоғут кофир шавад**" ин далели нафй аст ва фармудаи Ӯ: "**ва ба Аллоҳ имон оварад**" ин далели исбот кардан аст.

❁❁❁

С-10/ Шартҳои "ло илоҳа иллаллоҳ" чист?

Шартҳои "ло илоҳа иллаллоҳ" ҳашто аст ва он шартҳои зерин аст:

**1-**Илме, ки нафйкунандаи ҷаҳл аст.

**2-**Яқине, ки нафйкунандаи шак аст.

**3-**Ихлосе, ки нафйкунандаи ширк аст.

**4-**Сидқе, ки нафйкунандаи дурӯғ аст.

**5-**Муҳаббате, ки нафйкунандаи бадбинӣ аст.

**6-**Сар фурӯ овардане, ки нафйкунандаи тарк аст.

**7-**Қабул, ки нафйкунандаи рад кардан аст.

**8-**Ба ҳар чизе ки ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, кофир шудан аст.

Ва дар ду байти зерин ҷамъ оварда шудааст:

علم يقين وإخلاص وصدقك مع محبة وانقياد والقبول لها

وزيد ثامنها الكفران منك بما سوى الإله من الأشياء قَد أُلِها

Илм, яқин, ихлос ва сидқи ту бо ҳамроҳи муҳаббат, инқиёд (итоат) ва қабули он мебошад.

Ва ҳаштумаш афзуда шуд, кофир шудани ту ба ашёе, ки ба ҷуз илоҳ олиҳа гирифта шудааст.

## С-11/ Муқтазои шаҳодати "ло илоҳа иллаллоҳ" чист?

Муқтазои шаҳодати "ло илоҳа иллаллоҳ" ду амрро дар бар мегирад:

**1-**Ба Аллоҳ таъоло ба таҳқиқи тавҳиди Ӯ ва ибодатро холис барои Ӯ гардондан, имон овардан (ва ин муқтазои исбот аст).

**2-**Ба ҳар чизе ки ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, куфр варзидан ва аз ширк ва мушрикон безорӣ ҷустан ва аз шикандаҳои дин парҳез кардан аст (ва ин муқтазои нафй аст).

## С-12/ Маънои шаҳодати ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст, чист?

Маънои шаҳодати ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст: Аз рӯи ботину зоҳир эътироф кардан, ки Муҳаммад

бандаи Аллоҳ ва расули Ӯ ба сӯи ҳамаи мардум аст ва ин ки Ӯ хатмкунандаи паёмбарон ва расулон аст.

**С-13/ Муқтазои шаҳодати Муҳаммад расули Аллоҳ аст, чист?**

Муқтазои шаҳодати Муҳаммад расули Аллоҳ ин аст: Итоати Ӯ дар он чизе, ки амр кард ва тасдиқи Ӯ дар он чизе, ки хабар дод ва аз он чизе ки наҳй ва заҷр карда аст, парҳез кардан ва ин ки Аллоҳ парастида машавад, магар ба он чизе ки шаръ гардондааст.

## Боб оиди аркони имон ва самараҳои он

### Аркони имон чист?

**Аркони имон шашто аст ва он аркони зерин аст:**

1-Ба Аллоҳ таъоло имон овардан.

2-Ба малоикаҳои Аллоҳ имон овардан.

3-Ба китобҳои Аллоҳ имон овардан.

4-Ба расулони Аллоҳ имон овардан.

5-Ба рӯзи охират имон овардан.

6-Имон овардан ба тақдири хайр ва шар, ки аз ҷониби Аллоҳ таъолост.

### С-15/ Маънои имон овардани ба Аллоҳ чист?

Маънои имон овардани ба Аллоҳ: Ба ҳастии Аллоҳ таъоло қатъан тасдиқ кардан ва ба рубубият, улуҳият ва номҳову сифатҳои Ӯ эътироф кардан аст.

### С-16/ Самараҳои имони ба Аллоҳ таъоло чист?

**Самараҳои имони ба Аллоҳ таъоло бисёр аст, аз ҷумлаи он:**

**Якум:** Таҳқиқ намудани тавҳиди Аллоҳ таъоло ба ин ки ибодат барои Аллоҳи ягона бошад, ки Ӯро шарике нест.

**Дуюм:** Камоли муҳаббати Аллоҳ таъоло ва таъзими Ӯ ва аз Ӯ тарсидан ба муқтазои номҳои накӯ ва сифатҳои олии Ӯ.

**Сеюм:** Таҳқиқ намудани ибодати Ӯ ба иҷрои он чизе ки амр кард ва аз он чизе ки боздошт парҳез намудан.

## С-17/ Маънои имон овардани ба малоика чист?

Имон овардани ба малоика: Ба вуҷуди онҳо қатъан тасдиқ кардан ва ин ки онҳо бандагони икромшудаанд, амри Аллоҳро бефармонӣ намекунанд ва ба он чи амр шудаанд, иҷро мекунанд.

Пас ба касе аз онҳо, ки Аллоҳ номидааст, монанди Ҷибраил, Микоил ва Исрофил ва касе, ки наномидааст, имон меорем.

## С-18/ Самараҳои имони ба малоика чист?

**Самараҳои имони ба малоика бисёр аст ва аз ҷумлаи он:**

**Якум:** Донистани азамати Аллоҳ таъоло ва қуввати Ӯ ва султони Ӯ, пас албатта азамати махлуқ бар азамати Холиқ далолат мекунад.

**Дуюм:** Дӯст доштани Аллоҳ таъоло ва шукри Ӯ бар аҳамият доданаш ба фарзанди Одам, аз ҷиҳате ки аз ин малоикаҳо касонеро ба ҳифзи онон вазифадор кардааст.

**Сеюм:** Дар некиҳо тарғиб кардан ва аз бадиҳо ҳушдор додан, аз ҷиҳате ки Аллоҳ аз ин малоикаҳо касеро ба навистани амалҳои нек ё бади фарзанди Одам вазифадор кардааст.

## С-19/ Маънои имони ба китобҳо чист?

Имони ба китобҳо: Қатъан тасдиқ кардан, ки он китобҳоро Аллоҳ бар расулонаш нозил кардааст ва онҳо каломи Аллоҳ ҳастанд ва ин ки онҳо ҳақ ва нур ҳастанд. Пас китобҳоеро, ки Аллоҳ номидааст, монанди Қуръон, Тавротъ, Инҷил ва Забур ва китобҳоеро, ки наномидааст, ба он имон меорем.

## С-20/ Самараҳои имони ба китобҳо чист?

**Самараҳои имони ба китобҳо бисёр аст ва аз ҷумлаи он:**

**Якум:** Донистани иноятии Аллоҳ таъоло ба бандагонаш, ҳайсияте ки барои ҳар қавм китобе нозил кард, ки онҳоро ба он раҳнамоӣ мекунад.

**Дуюм:** Донистани ҳикмати Аллоҳ дар шаръаш, ҳайсияте ки барои ҳар қавм муносиби ҳолашон қонун гузошт, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿لِكُلٍّ جَعَلْنَا مِنكُمْ شِرْعَةً وَمِنْهَاجًا﴾ المائدة: ٤٨ **"Мо барои ҳар кадоми аз шумо ойин ва тариқаи равшане қарор додем"**. (Сураи Моида, ояти: 48)

**Сеюм:** Шукри неъмати Аллоҳ бар баён кардани ибодат.

**Чорум:** Бар басират ибодати Аллоҳ таъолоро мувофиқи китоби нозилшуда (Қуръон) ва аз рӯи иқтидо кардан ба паёмбари фиристодашуда анҷом додан.

❁❁❁

## С-21/ Маънои имони ба расулон чист?

Имони ба расулон ҳамон ба рисолати ҳамаи расулон қатъан тасдиқ кардан ва тасдиқи хабарҳои онон аст. Пас касе аз онҳоро, ки Аллоҳ номидааст, монанди Нӯҳ, Иброҳим, Мусо, Исо ва Муҳаммад алайҳимус салоту вассалом ва касе аз онҳоро наномидааст, имон меорем.

❁❁❁

## С-22/ Самараҳои имони ба расулон чист?

**Самараҳои имони ба расулон бисёр аст ва аз ҷумлаи он:**

**Якум:** Донистани раҳмати Аллоҳ таъоло ва инояти Ӯ ба бандагонаш ба ҳайсе ки барои раҳнамоии онҳо ба сӯи роҳи рост ва дини устувор расулонро фиристод.

**Дуюм:** Бар басират ибодати Аллоҳ таъолоро мувофиқи китоби нозилшуда (Қуръон) ва аз рӯи иқтидо кардан ба паёмбари фиристодашуда анҷом додан.

**Сеюм:** Муҳаббати расулон алайҳимус салоту вассалом ва таъзими онҳо ва бар онҳо ба он чизе ки лоиқи онҳост сано гуфтан.

**Чорум:** Шукри Аллоҳ таъоло бар ин неъмати бузург.

❁❁❁

## С-23/ Маънои имон ба рӯзи охират чист?

Имон ба рӯзи охират: Дар рӯзи қиёмат қатъан тасдиқ кардан, ки мардум дар он рӯз барои ҳисобу ҷазо барангехта мешавад.

❁❁❁

## С-24/ Самараҳои имони ба рӯзи охират чист?

**Самараҳои имони ба рӯзи охират:**

**Якум:** Дар иҷрои тоат рағбат намудан ва бар он ҳарис будан, аз рӯи умеди савоби ин рӯз.

**Дуюм:** Аз анҷоми маъсият ва аз он розӣ шудан ҳушдор додан, аз рӯи тарси иқоби он рӯз.

**Сеюм:** Дилбардории мӯъмин аз он неъматҳои дунёи фонӣ, ки аз даст додааст, ба он неъматҳои охирати боқӣ, ки умед мекунад.

С-25/ Маънои имон ба тақдири нек ва бадаш чист?

Имони ба тақдир: Қатъан тасдиқ кардан, ки ҳар хайр ва шарр ба қазо ва тақдири Аллоҳ аст ва ин ки Ӯ он чи мехоҳад, бисёр фаъол аст, пас он чи хоҳад пайдо мешавад ва он чиро ки нахоҳад пайдо намешавад.

С-26/ Самараҳои имон ба тақдири хайр ва шарраш чист?

**Самараҳои имон ба тақдири хайр ва шарр бисёр аст ва аз ҷумлаи он:**

**Якум:** Дар назди анҷоми асбоб содиқона бар Аллоҳ таъоло таваккул ва эътимод кардан, чаро ки Ӯ сабабгори асбоб аст ва ҳамаи чиз ба тақдири Ӯ субҳонаҳу аст.

**Дуюм:** Итминон ва розӣ шудан ба он чизе ки аз тақдирҳои Аллоҳ таъоло бар банда воқеъ мешавад, пас ба аз даст додани дӯстдошта ё воқеъ шудани чизи нописанд бесабрӣ накунад.

**Сеюм:** Дар вақти рӯ ба рӯ шудани ба сахтиҳо собит мондан ва машаққатҳои ҳаётро ба қалби устувор ва яқини содиқ истиқбол гирифтан.

**Чорум:** Инсон дар вақти ҳосил шудани муродаш ба худаш худбин нашавад, чаро ки ҳосил шудани муродаш албатта ба тақдири Аллоҳ таъоло ва тавфиқу фазли Ӯст.

## Боб оиди эҳсон ва самараҳои он

С-27/ Маънои эҳсон чист?

Эҳсон ин аст, ки Аллоҳро ибодат кунӣ, мисле ки ту Ӯро мебинӣ, пас агар ту Ӯро набинӣ, пас Ӯ туро мебинад.

С-28/ Мартабаҳои эҳсон чист?

**Эҳсон ду мартаба дорад:**

**Мартабаи якум:** Мартабаи мушоҳадаи қалбӣ аст ва он ин аст, ки банда Парвардигорашро ибодат кунад, мисле ки Ӯро мебинад ва ин баландтарини мартабаҳост.

**Мартабаи дуюм:** Мартабаи муроқабат аст ва он ин аст, ки банда бидонад, ки дар куҷое бошад ё кадом амалеро мекунад, Аллоҳ ӯро мебинад.

С-29/ Самараҳои эҳсон чист?

**Самараҳои эҳсон бисёр аст ва аз ҷумлаи он:**

**1-**Аз Аллоҳ таъоло дар ҳоли ғайб ва ҳозир ва пинҳону ошкор тарсидан.

**2-**Ибодатро холис барои Аллоҳ таъоло кардан ва дар нек ва пурра анҷом додани он кӯшиш кардан.

**3-**Ҳамроҳии хосси Аллоҳ бо некӯкорон.

**4-**Ба Ҷаннат ва дидани Аллоҳ таъоло пирӯз шудан.

## Боб оиди тавҳид ва фазилатҳои он

С-30/ Қисмҳои тавҳид чист?

**Қисмҳои тавҳид сето аст ва он:**

**1-**Тавҳиди рубубият.

**2-**Тавҳиди улуҳият.

**3-**Тавҳиди номҳо ва сифатҳо.

С-31/ Маънои тавҳиди рубубият чист?

Тавҳиди рубубият: Аллоҳ таъолоро дар феълҳояш, монанди офаридан, ризқ додан, мулк, тадбир, зинда гардондан ва мирондан ва ғайри ин аз феълҳояш субҳонаҳуро ягона донистан аст.

С-32/ Оё тавҳиди рубубият дар дохил шудани Ислом кофӣ аст?

Тавҳиди рубубият барои дохил шудани дар Ислом кофӣ нест, чаро ки мушрикон дар замони Паёмбар саллал-

лоҳу алайҳи ва саллам ба рубубият эътироф доштанд ва ин эътироф онҳоро фоида нарасонд. Ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост: ﴿وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَهُمْ لَيَقُولُنَّ ٱللَّهُ ۖ فَأَنَّىٰ يُؤْفَكُونَ ﴿٨٧﴾﴾ الزخرف

**"Ва агар аз онҳо (мушрикон) бипурсӣ, кӣ шуморо офаридааст, қатъан мегӯянд: Аллоҳ, пас чигуна кач мешаванд?"**. (Сураи Зухруф, ояти: 87)

❁❁❁

## С-33/ Маънои тавҳиди улуҳият чист?

Тавҳиди улуҳият: Аллоҳро дар феълҳои бандагон ягона донистан аст. Ва гуфта шуд: Аллоҳро ягона ибодат кардан аст ва ин маънои "Ло илоҳа иллаллоҳ" аст.

❁❁❁

## С-34/ Аҳамияти тавҳиди улуҳият чист?

**1-**Тавҳиди улуҳият ҳамон мақсади офариниши инсон ва ҷин аст.

**2-**Тавҳиди улуҳият ҳамон мақсади даъвати анбиё ва расулон аст.

**3-**Тавҳиди улуҳият ҳамон ҳаққи Аллоҳ бар бандагон аст.

**4-**Тавҳиди улуҳият ҳамон асоси дуруст шудани амалҳо аст.

❁❁❁

С-35/ Маънои тавҳиди номҳо ва сифатҳо чист?

Тавҳиди номҳо ва сифатҳо: Аллоҳ таъолоро ба номҳо ва сифатҳояш, ки дар китоби Аллоҳ ва суннати расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст, ягона донистан ва ин ба исботи он чизе ки исбот кардааст ва нафй кардани он чизе ки нафй кардааст, бетаҳриф ва бетаътил ва бекайфият ва бемонандкунӣ исбот кардан аст.

❁❁❁

С-36/ Тариқаи аҳли суннат ва ҷамоат дар тавҳиди номҳо ва сифатҳо чист?

Тариқаи аҳли суннат ва ҷамоат дар тавҳиди номҳо ва сифатҳо: Он номҳо ва сифатҳоеро, ки Аллоҳ барои нафсаш исбот кардааст, бемонандкунӣ исбот кардан аст ва он чиро ки аз нафсаш нафй кардааст, нафй кардан ва Ӯро аз ин поку муназзаҳ донистан аст, танзиҳе, ки холӣ аз таътил бошад. Ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ١١﴾ الشورى: ١١ **"Монанди Ӯ чизе нест ва Ӯ шунаво ва биност"**. (Сураи Шуро, ояти: 11)

Пас фармудаи Ӯ: **"Монанди Ӯ чизе нест"** рад бар ташбеҳу тамсил (монандкунӣ) аст ва фармудаи Ӯ: **"ва Ӯ шунаво ва биност"** рад бар таътил (бекор) кардан аст.

❁❁❁

## С-37/ Аҳамияти тавҳиди номҳо ва сифатҳо чист?

**1-**Зиёд шудани имон ба Аллоҳ таъоло.

**2-**Донистани номҳои Аллоҳ ва сифатҳои Ӯ ҳамон роҳи маърифати Аллоҳ таъолост.

**3-**Қувватгирии амалҳои қалбҳо аз муҳаббати Аллоҳ таъоло ва тарси Ӯ ва умед аз Ӯ.

**4-**Нигаҳбонӣ аз ташбеҳ ё таътил дар номҳои Аллоҳ ва сифатҳои Ӯ, ҳамчуноне ки таътил аз ҷаҳмия ё мӯътазила ё ашоъира воқеъ шуд.

## С-38/ Фазилатҳои тавҳид чист?

**Фазилатҳои тавҳид бисёр аст ва аз ҷумлаи он:**

**1-**Пок кардани гуноҳҳо ва бадиҳо.

**2-**Амни пурра дар дунё ва охират.

**3-**Ҳаёти нек дар дунё ва савоби бузург дар охират.

**4-**Дохил шудани Ҷаннат.

**5-**Аз оташ наҷот ёфтан.

## Боб оиди риддат (бедин шудан)

### С-39/ Маънои риддат чист? Ва далел чист?

Риддат: Кофир шудан баъди мусалмон будан аст. Ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿وَمَن يَرۡتَدِدۡ مِنكُمۡ عَن دِينِهِۦ فَيَمُتۡ وَهُوَ كَافِرٞ فَأُوْلَٰٓئِكَ حَبِطَتۡ أَعۡمَٰلُهُمۡ فِي ٱلدُّنۡيَا
وَٱلۡأٓخِرَةِۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِۖ هُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ ٢١٧﴾ البقرة: ٢١٧

**"Ва ҳар кас ки аз шумо аз динаш баргардад ва дар ҳоли куфр бимирад, пас амалҳои онон дар дунё ва охират тобоҳ шудааст ва онон аҳли оташи (Дӯзах)-анд ва ҳамеша дар он хоҳанд монд"**. (Сураи Бақара, ояти: 217)

### С-40/ Ақсоми риддат чандто аст?

**Риддат панҷ қисм аст ва он:**

**1-**Муртад шудан ба қавл.

**2-** Муртад шудан ба феъл.

**3-** Муртад шудан ба эътиқод.

**4-** Муртад шудан ба шак кардан.

**5-** Муртад шудан ба тарк кардан.

### С-41/ Мисолҳои муртад шудан ба қавл чист?

Ба қавл муртад шудан ба чанд амр мебошад, аз ҷумла:

**1-**Дашноми Аллоҳ таъоло ё расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

**2-**Иддиои илми ғайб кардан.

**3-**Иддиои паёмбарӣ кардан.

**4-**Ғайри Аллоҳро дар чизе ки ҷуз Аллоҳ қудрат надорад, ба дуо мурочиат кардан.

## С-42/ Мисолҳои муртад шудан ба феъл чист?

Ба феъл муртад шудан ба чанд амр мебошад, аз ҷумла:

**1-**Барои бут ё санг ё қабрҳо саҷда кардан.

**2-**Барои бут қурбонӣ кардан.

**3-**Қуръонро дар ҷойҳои ифлос партофтан.

**4-**Ҷоду кардан ва омӯхтани ҷоду ва омӯзондани он.

## С-43/ Мисолҳои муртад шудан ба эътиқод чист?

Ба эътиқод муртад шудан ба чандин амр мебошад ва аз ҷумла:

**1-**Барои Аллоҳ таъоло шарик эътиқод кардан.

**2-**Эътиқод кардан, ки баъди мурдан зинда шудан нест, ё Ҷаннату Дӯзах вуҷуд надорад.

**3-**Ҳалол шуморидани он чизе ки Аллоҳ ҳаром гардондааст, монанди ҳалол шуморидани зино ё арақ ё ба ғайри ҳукми нозилкардаи Аллоҳ ҳукм кардан.

**4-**Аркони дин ва фарзҳои онро инкор кардан, монанди инкори намоз ё закот ё рӯзаи моҳи Рамазон ё ҳаҷ.

С-44/ Мисолҳои муртад шудан ба шак чист?

Ба шак муртад шудан ба чандин умур мебошад, аз ҷумла:

**1-**Дар зинда шудани пас аз марг шак кардан, ё дар вуҷуди Ҷаннату Дӯзах шак кардан.

**2-**Дар дини Ислом ё дар салоҳият доштани он барои ин замон шак кардан.

**3-**Дар рисолати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ё дар сидқи Ӯ шак кардан.

**4-**Дар Қуръони карим, ки он каломи Аллоҳ таъолост, шак кардан.

С-45/ Мисолҳои муртад шудан ба тарк чист?

Ба тарк муртад шудан, ба қасдан тарк кардани намоз мебошад, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи

ва саллам: **"Албатта байни мард ва байни ширку куфр тарки намоз аст"**.[1]

## Боб оиди ширк

С-46/ Ақсоми ширк чист?

Ширки ба Аллоҳ таъоло ду қисм аст:

**1-**Ширки акбар.

**2-**Ширки асғар.

С-47/ Ширки акбар чист?

Ширки акбар: Чизе аз навъҳои ибодатро барои ғайри Аллоҳ сарф кардан аст.

С-48/ Барои ширки акбар мисолҳо зикр кун?

Барои ширки акбар мисолҳост, аз ҷумла:

Ғайри Аллоҳро ба дуо муроҷиат кардан, ё барои ғайри Аллоҳ аз қабрҳо, ҷин ва шайтонҳо ба қурбониҳо ва назрҳо наздикӣ ҷустан, ё аз ғайри Аллоҳ он чиро умед кардан, ки бар он ҷуз Аллоҳ касе қудрат надорад, яъне баровардани ҳоҷатҳо ва кушоиши душвориҳо.

[1] Ривояти Муслим (82).

## С-49/ Осор ва мафсадаҳои ширки акбар чист?

Ширки акбар бузургтарин гуноҳ аст ва мафсадаҳои бисёр дорад ва аз ҷумла:

**1-**Ширки акбар аз доираи Ислом мебарорад.

**2-**Ширки акбар ҳамаи амалҳоро бекор мекунад.

**3-**Ширки акбар аз даромадани Ҷаннат боз медорад ва соҳибаш ҳаргоҳ бар он бимирад, дар оташ абадӣ мемонад.

## С-50/ Сабабҳои дар ширки акбар воқеъ шудан чист?

Сабабҳои дар ширки акбар воқеъ шудан бисёр аст ва аз муҳимтарини он:

**1-**Дар ҳаққи солиҳон зиёдаравӣ кардан.

**2-**Тавҳид ва маънои "ло илоҳа иллаллоҳ"-ро надонистан.

**3-**Хоҳиши нафсро пайравӣ кардан.

**4-**Тақлиди куркурона.

## С-51/ Ширки асғар чист?

Ширки асғар: Ҳар он чизест, ки шариат аз он манъ карда ва он васила ба сӯи ширки акбар аст ва василаи дар ширки акбар воқеъ шудан аст ва далелҳои шаръ онро ширк номидааст.

С-52/ Навъҳои ширки асғарро зикр кун?

**Ширки асғар ду қисм аст:**

**Қисми якум:** Ширки зоҳир аст ва он ду навъ аст:

**1-**Ширки дар гуфтор аст, монанди ба ғайри Аллоҳ савганд ёд кардан ва гуфтани: Он чи Аллоҳ хоҳад ва ту бихоҳӣ.

**2-**Ширки дар кирдор аст, монанди пӯшидани ҳалқа (дастмона) ва ресмон ба хотири бартараф кардани бало ё дур кардани он ва тумор овехтан аз рӯи тарси расидани чашм ва ғайра.

**Қисми дуюм:** Ширки хафӣ аст ва он дар ибодат риё (худнамоӣ) кардан аст.

С-53/ Фарқ дар байни ширки акбар ва ширки асғар чист?

Фарқ дар байни ширки акбар ва ширки асғар дар умури зерин аст:

**1-**Ширки акбар аз доираи Ислом хориҷ мекунад ва ширки асғар аз доираи Ислом хориҷ намекунад, локин тавҳидро ноқис месозад.

**2-**Ширки акбар ҳамаи амалҳоро бекор мекунад ва ширки асғар ҳамаи амалҳоро бекор намекунад ва албатта риё амалеро, ки дар он омехта аст бекор мекунаду бас.

3-Ширки акбар соҳибашро дар Дӯзах абадӣ мемонад ва ширки асғар соҳибашро дар Дӯзах абадӣ намемонад, агарчи дохили он шавад.

## Боб оиди нифоқ

С-54/ Анвои нифоқ чист?

**Нифоқ ду навъ аст:**

**1-**Нифоқи эътиқодӣ ва нифоқи акбар номида мешавад.

**2-**Нифоқи амалӣ ва нифоқи асғар номида мешавад.

С-55/ Нифоқи эътиқодӣ чист?

Нифоқи эътиқодӣ ошкор кардани Ислом ва пинҳон кардани куфр аст.

С-56/ Анвои нифоқи эътиқодӣ чист?

**Нифоқи эътиқодӣ шаш навъ аст ва он:**

**1-**Дурӯғгӯ шуморидани Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

**2-**Дурӯғ шуморидани баъзе чизе ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро овардааст.

**3-**Бад дидани Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

**4-**Бад дидани баъзе чизе ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам овардааст.

**5-**Ба пастравии дини Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам шод шудан.

**6-**Нусрат ёфтани дини Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро бад дидан.

### С-57/ Нифоқи амалӣ чист?

Нифоқи амалӣ: амали чизе аз амалҳои мунофиқон бо боқӣ мондани имон дар қалб, монанди дурӯғ, хиёнат ва дар намози ҷамоат танбалӣ кардан аст.

### С-58/ Фарқ байни нифоқи эътиқодӣ ва нифоқи амалӣ чист?

Фарқ байни нифоқи эътиқодӣ ва нифоқи амалӣ дар умури зерин аст:

**1-**Нифоқи эътиқодӣ аз доираи Ислом хориҷ мекунад ва нифоқи амалӣ аз доираи Ислом хориҷ намекунад.

**2-**Нифоқи эътиқодӣ: Ихтилофи сир ва ошкоро дар эътиқод аст ва нифоқи амалӣ: Ихтилофи сир ва ошкоро дар амалҳост на дар эътиқод.

**3-**Нифоқи эътиқодӣ аз мӯъмин содир намешавад ва аммо нифоқи амалӣ, пас аз мӯъмин содир мешавад.

## Боб оиди ибодати шаръӣ ва бидъатҳои манъшуда

С-59/ Аллоҳ моро барои чӣ халқ кардааст? Ва далел чист?

Аллоҳ моро барои ибодаташ, ки Ӯ якка асту шарике надорад, офаридааст ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост: ﴿ وَمَا خَلَقْتُ ٱلْجِنَّ وَٱلْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ ﴾ الذاريات: ٥٦ **"Ва Ман ҷинну инсонро наофаридам, магар барои ин ки Маро ибодат кунанд"**. (Сураи Зориёт, ояти: 56)

С-60/ Маънои ибодат чист?

**Ибодат** исми ҷомеъ барои ҳар он чизест, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва аз он розӣ мешавад, яъне аз гуфтор ва кирдори зоҳири ва ботинӣ.

С-61/ Шартҳои қабули ибодат чист?

**Ибодат ба ду шарт қабул мешавад:**

**1-**Барои Аллоҳ таъоло ихлос кардан.

**2-**Ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам пайравӣ кардан.

С-62/ Маънои барои Аллоҳ таъоло ихлос кардан чист?

**Ихлос** тасфияи (покизагии) ибодат аз олудагиҳои ширк, худнамоӣ ва сумъат (овоза) аст.

С-63/ Далел бар воҷиб будани ихлос барои Аллоҳ таъоло чист?

Далел бар воҷиб будани ихлос, фармудаи Аллоҳ таъолост: ﴿ وَمَآ أُمِرُوٓاْ إِلَّا لِيَعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ حُنَفَآءَ ﴾ البينة: ٥ **"Ва онон фармон наёфтанд, ҷуз ин ки Аллоҳро бипарастанд дар ҳоле ки дини худро барои Ӯ холис гардонанд (ва аз ширк ва бутпарастӣ) ба тавҳид (ва дини Иброҳим) рӯй оваранд"**. (Сураи Байина, ояти: 5)

С-64/ Маънои пайравии Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам чист?

Пайравии Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: Дар ибодати Аллоҳ таъоло ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам иқтидо кардан, ба ин ки ибодат мувофиқи суннату аз бидъат холӣ бошад.

С-65/ Далел бар воҷиб будани пайравӣ ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам чист?

Далел бар воҷиб будани пайравии Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿ قُلۡ إِن كُنتُمۡ تُحِبُّونَ ٱللَّهَ فَٱتَّبِعُونِي يُحۡبِبۡكُمُ ٱللَّهُ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡ ذُنُوبَكُمۡۚ وَٱللَّهُ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٣١ ﴾

آل عمران: ٣١

**"Бигӯ: Агар Аллоҳро дӯст медоред, пас аз ман пайравӣ кунед, то Аллоҳ шуморо дӯст бидорад ва гуноҳонатонро бароятон биёмурзад ва Аллоҳ омурзандаи меҳрубон аст"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 31)

❁❁❁

С-66/ Маънои бидъат дар Дин чист?

**Бидъат дар Дин:** Аллоҳро ба он чизе ки дар шаръ наомадааст, пасрастидан аст.

Ва гуфта шуд: Ҳар ибодате ки мардум пайдо кардаанд, ва барои он дар Қуръон, суннат асле вуҷуд надорад ва на дар амали чор халифаи роҳнамо.

❁❁❁

С-67/ Ҳукми бидъат дар Дин чист? Бо зикри далел.

Ҳамаи бидъат дар Дин ҳаром ва гумроҳӣ аст ва далел фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: **"Касе дар дини мо чизе пайдо кунад, ки аз он нест, пас**

**он мақбул нест"**[1]. Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Ва ҳамаи бидъат гумроҳӣ аст"**[2].

### С-68/ Ақсоми бидъат дар Дин чист?

**Бидъат дар Дин ду навъ аст:**

**Навъи аввал:** Бидъати қавлии эътиқодӣ, монанди мақолаҳои ҷаҳмия, мӯътазила, хавориҷ, рофиза ва соири фирқаҳои гумроҳ ва эътиқодҳои онон.

**Навъи дуюм:** Бидъат дар ибодатҳост, монанди парастидани Аллоҳ ба ибодате, ки машрӯъ нагардондааст ва он чанд қисм аст:

**Қисми аввал:** Оне ки дар асли ибодат мебошад, монанди тавофи қабрҳо ё идҳои мавлудҳо ва ғайра.

**Қисми дуюм:** Оне ки дар сифати адои ибодати шаръӣ мебошад, монанди зикри ҷамоъӣ.

**Қисми сеюм:** Барои ибодати шаръӣ вақт хос кардан, ки шариат барои он вақт хос накардааст, монанди хос кардани рӯзи нисфи моҳи шаъбон ба рӯза доштан ё шабашро қоим шудан.

[1] Ривояти Бухорӣ (2697) ва Муслим (1718).
[2] Ривояти Муслим (867).

## С-69/ Бар бидъати дар Дин мисолҳо зикр кун?

**Бидъат** дар Дин бисёр аст ва аз машҳуртарини он бидъатҳои зерин аст:

**1-**Ҷашн гирифтани мавлуди Паёмбар.

**2-**Ҷашн гирифтани шаби Исро ва Меъроҷ.

**3-**Бар болои қабрҳо бино кардан ва онҳоро масҷидҳо гирифтан.

## С-70/ Асбоби дар бидъатҳо воқеъ шудан чист?

Дар бидъатҳо воқеъ шудан чанд сабаб дорад, пас аз ҷумлаи он:

**1-**Надонистани аҳкоми Дин.

**2-**Пайравии хоҳишоти нафс.

**3-**Тақлиди куркурона.

**4-**Ба кофирон ташбеҳ кардан.

# Боб оиди вузӯ ва ғусл

С-71/ Маънои вузӯ чист?

Вузӯ шустан ва масҳ кашидани аъзои махсус аст.

С-72/ Шартҳои вузӯ чист?

Шартҳои вузӯ даҳто аст ва он:

**1-**Ислом.

**2-**Ақл.

**3-**Фарқ кардан.

**4-**Ният.

**5-**Ҳамроҳ гирифтани ҳукми он, ба ин ки қатъ кардани онро ният накунад, то таҳораташ тамом шавад.

**6-**Қатъкунанди сабаби таҳорат.

**7-**Пеш аз вузӯ аз пешоб ё пасафканда истинҷо (ба об шустан) ё ба санг (ва кулух) тоза кардан.

**8-**Пок будани об ва мубоҳ будани он.

**9-**Аз башара дур кардани он чизе ки сабаби манъ шудани расидани об бар он мегардад.

**10-**Даромадани вақти намоз дар ҳаққи касе ки бетаҳоратияш доимӣ аст.

С-73/ Фарзҳои вузӯ чист?

**Фарзҳои вузӯ шашто аст ва он:**

1-Шустани рӯ ва мазмаза (об дар даҳон кардан) ва истиншоқ (об дар бинӣ кардан) аз ҷумлаи он аст.

2-Шустани дастҳо бо оринҷҳо.

3-Масҳи ҳамаи сар ва гушҳо аз ҷумлаи он аст.

4-Шустани пойҳо бо биҷилакҳо.

5-Тартиб.

6-Пай дар пай шустан.

С-74/ Шикандаҳои вузӯ чист?

**Шикандаҳои вузӯ чорто аст:**

1-Он чизе ки аз ду роҳ хориҷ мешавад, яъне пешоб, ё мазӣ, ё пасафканда, ё бод.

2-Рафтани ақл ба сабаби девонагӣ ё беҳушӣ ё хоб ба ҷуз хоби андак.

3-Хӯрдани гушти шутур.

4-Бепарда қапидани олати мардӣ.

С-75/ Далел бар фарз будани вузӯ дар вақти шикастани он ба яке аз шикандаҳо чист?

Далел бар фарз будани вузӯ, фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا قُمۡتُمۡ إِلَى ٱلصَّلَوٰةِ فَٱغۡسِلُواْ وُجُوهَكُمۡ وَأَيۡدِيَكُمۡ إِلَى ٱلۡمَرَافِقِ وَٱمۡسَحُواْ بِرُءُوسِكُمۡ وَأَرۡجُلَكُمۡ إِلَى ٱلۡكَعۡبَيۡنِ ﴾ المائدة: ٦

**"Эй касоне ки имон овардаед чун ба намоз бархостед, пас рӯи худ ва дастҳоятонро то оринҷ бишуед ва саратонро масҳ кашед ва пойҳоятонро то биҷилакҳо бишуед"**. (Сураи Моида, ояти: 6)

❁❁❁

## С-76/ Маънои ғусл чист?

Ғусл истеъмоли об дар ҳамаи бадан бар сифати махсус.

❁❁❁

## С-77/ Сабабҳои ғусл чист?

Сабабҳои ғусл се чиз аст:

**1-**Хориҷ шудани манӣ ҷаҳидаву бо лаззат.

**2-**Ҳамхобагӣ ва агарчи об хориҷ нашавад.

**3-**Хориҷ шудани ҳайз ва нифос.

❁❁❁

## С-78/ Далел бар воҷиб шудани ғусл дар вақти ҳосил шудани яке аз сабабҳои он чист?

Далел бар воҷиб будани ғусл, фармудаи Аллоҳ таъолост: ﴿ وَإِن كُنتُمۡ جُنُبٗا فَٱطَّهَّرُواْ ﴾ المائدة: ٦ **"Ва агар ҷунуб будед, пас худро пок созед (ғусл кунед)"**. (Сураи Моида, ояти: 6)

С-79/ Маҳосини (ҳусни) вузӯ ё ғусл чист?

**Маҳосини вузӯ ва ғусл бисёр аст ва аз муҳимтарини он:**

**1-**Ислом дини бузург аст, ба сӯи покии ҳиссӣ ва маънавӣ даъват мекунад.

**2-**Пок сохтани гуноҳҳо ва бадиҳое, ки аз аъзои вузӯ содир мешавад.

**3-**Ҳифз кардани сиҳату саломати ва нашоти (чаққонии) бадан.

**4-**Барои муноҷоти Аллоҳ дар намоз бар беҳтарин ҳол омода шудан.

# Боб оиди салот (намоз)

С-80/ Маънои салот чист?

**Салот** ибодати дорои гуфтор ва кирдор аст, ки аввали он такбир (Аллоҳу акбар) ва охири он салом додан аст.

С-81/ Намозҳое ки бар ҳар марду зани мусалмон фарз аст чист?

**Намозҳои фарз дар шабонарӯз панҷ вақт намоз аст ва он:**

**1-**Фаҷр (субҳ, ду ракаат фарз аст).

**2-**Зуҳр (пешин чор ракаат фарз аст).

**3-**Аср (чор ракаат аст).

**4-**Мағриб (шом, се ракаат фарз аст).

**5-**Иша (хуфтан, чор ракаат фарз аст).

С-82/ Далел бар фарз будани панҷ вақт намоз чист?

Далел бар фарз будани панҷ вақт намоз, фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿ حَـٰفِظُواْ عَلَى ٱلصَّلَوَٰتِ وَٱلصَّلَوٰةِ ٱلْوُسْطَىٰ وَقُومُواْ لِلَّهِ قَـٰنِتِينَ ٢٣٨ ﴾ البقرة: ٢٣٨

**"Бар (ба ҷо овардани) намозҳо ва (ба хусус) намози миёна (намози аср) муҳофизат кунед ва фурӯтанона барои Аллоҳ қоим шавед"**. (Сураи Бақара, ояти: 238)

С-83/ Ҳукми тарки намоз чист?

Тарки намоз куфр аст, аз доираи Ислом хориҷ мекунад ва далел фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: **"Албатта байни мард ва байни ширку куфр тарки намоз аст"**.[1]

С-84/ Шартҳои намоз чист?

**Шартҳои намоз нуҳто аст:**

**1-**Ислом.

**2-**Ақл.

**3-**Фарқ кардан.

**4-**Бартараф кардани бетаҳоратӣ.

**5-**Дур кардани наҷосат.

**6-**Сатри аврат.

**7-**Даромадани вақт.

**8-**Рӯ ба қибла овардан.

**9-**Ният.

[1] Тахриҷаш дар саҳ: (26) гузашт.

С-85/ Аркони намоз чист?

**Аркони намоз чордаҳто аст:**

1-Рост истодан дар ҳоли тавоноӣ.

2-Такбири эҳром (Аллоҳу акбари якум).

3-Хондани сураи Фотиҳа.

4-Рукӯъ.

5-Баъди рукӯъ мӯътадил истодан.

6-Бар ҳафт аъзо саҷда кардан.

7-Аз саҷда сарро бардоштан.

8-Дар байни ду саҷда нишастан.

9-Дар ҳамаи аркон ором гирифтан.

10-Тартиб.

11-Ташаҳҳуди охир.

12-Барои ташаҳҳуд нишастан.

13-Бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам салот фиристодан.

14-Ду тараф салом додан.

## С-86/ Сураи Фотиҳа чист?

Сураи Фотиҳа бузургтарин сура дар Қуръон аст ва намоз бе он дуруст намешавад ва он фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿ بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ١ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٢ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ٣ مَٰلِكِ يَوۡمِ ٱلدِّينِ
٤ إِيَّاكَ نَعۡبُدُ وَإِيَّاكَ نَسۡتَعِينُ ٥ ٱهۡدِنَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلۡمُسۡتَقِيمَ ٦ صِرَٰطَ ٱلَّذِينَ أَنۡعَمۡتَ عَلَيۡهِمۡ غَيۡرِ ٱلۡمَغۡضُوبِ
عَلَيۡهِمۡ وَلَا ٱلضَّآلِّينَ ٧ ﴾ الفاتحة: ١ – ٧

**"Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим. Ҳамду ситоиш махсуси Аллоҳ аст, ки Парвардигори ҷаҳониён аст. Бахшандаи меҳрубон аст. Молики рӯзи ҷазост. Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷуем. Моро ба роҳи рост ҳидоят кун. Роҳи касоне ки бар онҳо неъмат додӣ, на роҳи хашмгирифтагон бар онҳо ва на роҳи гумроҳон"**. (Сураи Фотиҳа, ояти: 1-7)

## С-87/ Воҷибҳои намоз чист?

**Воҷибҳои намоз ҳашто аст:**

1-Ҳамаи такбирҳо ба ҷуз такбири эҳром.

2-Гуфтани субҳона раббиялъазим дар рукӯъ.

3-Гуфтани самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ барои имом ва танҳогузор.

4-Гуфтани Раббано лакалҳамд барои ҳама.

**5-**Гуфтани субҳона раббиялаъло дар саҷда.

**6-**Гуфтани Раббиғфирлӣ дар байни ду саҷда.

**7-**Ташаҳҳуди аввал.

**8-**Барои ташаҳҳуди аввал нишастан.

❁❁❁

### С-88/ Ташаҳҳуди аввал чист?

Ташаҳҳуди аввал гуфтани намозгузор:

التحيات لله والصلوات والطيبات السلام عليك أيها النبي ورحمة الله وبركاته السلام علينا وعلى عباد اللّٰه الصالحين، أشهد أن لا إله إلا الله وأَشهد أن محمدًا عبده ورسوله.

"Аттаҳийёту лиллоҳи вассалавоту ваттайибот ассалому алайка айюҳан набийю ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу ассалому алайно ва ало ибодиллоҳис солиҳин, ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ".

❁❁❁

### С-89/ Ташаҳҳуди аввал кай мебошад?

**Ташаҳҳуди аввал** ҳаргоҳ намозгузор баъди сарро аз саҷдаи дуюм бардоштан, дар ракаати дуюми аз намози зуҳр (пешин), аср, мағриб (шом) ва иша (хуфтан) мебошад.

❁❁❁

## С-90/ Ташаҳҳуди охир чист?

Ташаҳҳуди охир гуфтани намозгузор:

التحيات لله والصلوات والطيبات السلام عليك أيها النبي ورحمة الله وبركاته السلام علينا وعلى عباد اللّه الصالحين، أشهد أن لا إله إلا الله وأَشهد أن محمدًا عبده ورسوله.

اللهم صل على محمد وعلى آل محمد كما صليت على إبراهيم وعلى آل إبراهيم إنك حميد مجيد اللهم بارك على محمد وعلى آل محمد كما باركت على إبراهيم وعلى آلِ إبراهيم إنك حميد مجيد.

"Аттаҳийёту лиллоҳи вассалавоту ваттайибот ассалому алайка айюҳан набийю ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу ассалому алайно ва ало ибодиллоҳис солиҳин, ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абду-ҳу ва расулуҳ. Аллоҳумма салли ало Муҳаммад ва ало оли Муҳаммад камо саллайта ало Иброҳима ва ало оли Иброҳима иннака ҳамидум маҷид, аллоҳумма борик ало Муҳаммад ва ло оли Муҳаммад камо боракта ало Ибро-ҳима ва ало оли Иброҳима иннака ҳамидум маҷид".

## С-91/ Ташаҳҳуди охир кай мебошад?

Ташаҳҳуди охир вақте ки намозгузор сарро аз саҷдаи дуюм дар ракаати охир мебардорад, мебошад.

## С-92/ Суннатҳои намоз чист?

**Суннатҳои намоз бисёр аст ва аз ҷумлаи он:**

1-Дуои истифтоҳ (калиди намоз).

2-Гузоштани кафи дасти рост бар дасти чап дар ҳоли қиём.

3-Дар вақти такбири якум ва дар вақти рукӯъ рафтан ва аз рукӯъ хестан ва дар вақти аз ташаҳҳуди аввал ба сеюм ракаат хестан, дастҳоро баробари китфҳо ё гушҳо бардоштан.

4-Дар тасбеҳи рукӯъ ва саҷда аз як бор зиёд гуфтан.

5-Дар байни ду саҷда дуои мағфиратро аз як бор зиёд гуфтан.

6- Дар ҳоли рукӯъ пуштро баробари сар қарор додан.

7-Дар ҳоли саҷда ду бозуро аз паҳлуҳо ва ду ронро аз шикам дур гирифтан.

8-Дар вақти саҷдаҳо оринҷҳоро аз замин бардоштан.

9-Дар ташаҳҳуди аввал нишастани намозгузор бар пои чапаш ва пои ростро рост гузоштан ва инчунин дар байни ду саҷда ва дар ташаҳҳуди охир аз намози ду ракаата ва инро ифтирош номида мешавад.

10-Дар намозҳои се ракаата ва чор ракаата дар ташаҳҳуди охир таварук кардан ва он: Бар дунбаи чапаш менишинад ва пои чапашро дар зери пои рост мегузорад ва пои ростро рост мегузорад.

**11-**Дар ташаҳҳуди охир дуо кардан.

**12-**Дар намози субҳ, намози ҷумъа, ду намози ид, намози талаби борон ва дар ду ракаати аввали намози шом ва хуфтан баланд қироат кардан.

**13-**Дар намози зуҳр (пешин), аср ва дар ракаати сеюми шом ва ду ракаати охири намози хуфтан паст хондан.

**14-**Аз Қуръон аз сураи Фотиҳа зиёд хондан.

С-93/ Фарқ байни аркони намоз ва воҷибҳо ва суннатҳояш чист?

Ба сабаби тарки рукн қасдан ё саҳван намоз ботил мешавад ва ба сабаби қасдан тарк кардани воҷиб намоз ботил мешавад ва аммо тарк кардани воҷиб аз рӯи саҳв, пас ба ду саҷдаи саҳв ҷуброн мешавад ва аммо кардани суннатҳо хуб аст ва дар тарки он бар намозгузор чизе намебошад.

С-94/ Ботилкунандаҳои намоз чист?

**Ботилкунандаҳои намоз ҳашто аст:**

**1-**Бо ёд доштан ва донистан қасдан сухан кардан, аммо фаромушкунанда ва ҷоҳилро ба сабаби сухан кардан, пас намозаш ботил намешавад.

**2-**Хандидан.

3-Хӯрдан.

4-Нӯшидан.

5-Намоён шудани аврат.

6-Аз ҷиҳати қибла бисёр кач шудан.

7-Дар намоз пай дар пай бисёр беҳудагӣ кардан.

8-Шикастани таҳорат.

С-95/ Маҳосини намоз чист?

**Маҳосини намоз бисёр аст ва аз муҳимтарини он:**

1-Намоз оромии қалб ва кушодани садр ва муноҷоти Аллоҳ азза ва ҷалла аст.

2-Намоз гуноҳҳо ва бадиҳоро тоза мекунад.

3-Намоз мусалмонро аз корҳои зишт ва мункар боз медорад.

4-Намоз мусалмонро аз бадиҳо ва мусибатҳо ҳифз мекунад ва дар зимма ва ҳифзи Аллоҳ мебошад.

# Боб оиди закот

## С-96/ Маънои закот чист?

Закот ҳаққест, ки дар моли хос барои тоифаи махсус дар вақти махсус фарз аст.

❁❁❁

## С-97/ Далел бар фарз будани закот чист?

Далел бар фарз будани закот, фармудаи Аллоҳ таъолост: ﴿ وَأَقِيمُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُوا۟ ٱلزَّكَوٰةَ ﴾ البقرة: ٤٣ **"Ва намозро барпо доред ва закотро бипардозед"**. (Сураи Бақара, ояти: 43)

❁❁❁

## С-98/ Молҳое, ки дар онҳо закот фарз мешавад чист?

**Молҳое, ки дар онҳо закот фарз мешавад, панҷто аст:**

**1-**Чаҳорпоҳо: Шутур, гов, бузу гусфанд.

**2-**Донагиҳо ва меваҳое, ки аз замин мерӯяд, бас.

**3-**Нақдҳо: Тилло ва нуқра ва инчунин он чизе ки дар мақоми ин ду қоим мешавад, яъне сумҳои варақӣ.

**4-**Молҳои тиҷоратӣ.

**5-**Маъданҳо ва хазинаҳо.

❁❁❁

## С-99/ Шартҳои фарз шудани закот чист?

**Шартҳои фарз шудани закот чор чиз аст:**

**1-**Ислом.

**2-**Озодӣ.

**3-**Комилан ба таври истиқрор молики нисоб шудан.

**4-**Бар мол сол гузарад[1].

❀❀❀

## С-100/ Аҳли закот кист?

Аҳли закот мустаҳиққони он ҳастанд ва онон ҳашт гурӯҳанд, ки Аллоҳ таъоло онҳоро ба таври ҳаср зикр кард, дар фармудааш:

﴿إِنَّمَا ٱلصَّدَقَٰتُ لِلْفُقَرَآءِ وَٱلْمَسَٰكِينِ وَٱلْعَٰمِلِينَ عَلَيْهَا وَٱلْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِى ٱلرِّقَابِ وَٱلْغَٰرِمِينَ وَفِى سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱبْنِ ٱلسَّبِيلِ ۖ فَرِيضَةً مِّنَ ٱللَّهِ ۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿٦٠﴾﴾

التوبة: ٦٠

"Садақаҳо (закотҳо) махсуси фақирон ва мискинон ва коргарони (ҷамъоварии) он ва дилҷӯишудагон ва барои (озод кардани) ғуломон ва (адои қарзи) қарздорон ва дар роҳи Аллоҳ ва ба роҳ мондагон (аст, ин) фариза аз

[1] Ин шарт махсус ба чаҳорпоҳо, пулҳои нақд ва матоъи тиҷоратӣ аст, пас аммо он чизе ки аз замин мерӯяд, пас закоти он дар вақти дарав кардан фарз мешавад. Ва аммо маъдан ва хазина дар вақти ёфт шуданаш дар он закот фарз мешавад. Аммо натиҷаҳои чаҳорпоҳо ва фоидаи тиҷорат, пас гузаштани асли онҳо гузашти онҳост.

ҷониби Аллоҳ аст ва Аллоҳ донои ҳаким аст". (Сураи Тавба, ояти: 60)

C-101/ Маҳосини закот чист?

**Маҳосини закот бисёр аст ва аз ҷумлаи он:**

**1-**Таҳқиқи мабдаъи ба якдигар кафил шудан ва ёрӣ додан ва муҳаббат дар байни бойҳо ва фақирони мусалмонҳост.

**2-**Пок сохтани нафс ва дур кардани он аз ахлоқи бахилӣ.

**3-**Ҷалби баракат ва афзунӣ ва ивазу бадал аз ҷониби Аллоҳ таъоло аст.

# Боб оиди савм (рӯза)

С-102/ Маънои савм чист?

Савм: Худдорӣ кардан аз хӯрдан, нӯшидан ва соири ифторкунандаҳо бо ният аз дамидани субҳи содиқ то нишастани офтоб аст.

❀❀❀

С-103/ Далел бар фарз будани рӯзаи Рамазон чист?

Далел бар фарз будани рӯзаи Рамазон фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ١٨٣ ﴾ البقرة: ١٨٣

**"Эй касоне ки имон овардаед рӯза бар шумо фарз шудааст, ҳамчуноне ки бар касоне ки пеш аз шумо буданд, фарз шуда буд, то парҳезгор шавед"**. (Сураи Бақара, ояти: 183)

❀❀❀

С-104/ Шартҳои фарз шудани рӯза чист?

**Шартҳои фарз шудани рӯза шашто аст:**

**1-**Ислом. **2-**Балоғат. **3-**Ақл. **4-**Саломатӣ. **5-**Муқим будан. **6-**Аз ҳайзу нифос тоза будан.

❀❀❀

С-105/ Узрҳое, ки ифтор кардан дар рӯзҳои Рамазонро мубоҳ мегардонад, чист?

Узрҳое, ки ифтор кардан дар рӯзҳои Рамазонро мубоҳ мегардонад, чор чиз аст:

1-Беморӣ ё калонсолӣ, ки бо инҳо рӯза доштан машаққат меорад.

2-Сафар.

3-Ҳайзу нифос.

4-Ҳомила ё ширдеҳ.

С-106/ Фосидкунандаҳои рӯза чист?

**Фосидкунандаҳои рӯза ҳафто аст ва он:**

1-Ҳамхобагӣ.

2-Баромадани манӣ.

3-Хӯрдан ва нӯшидан.

4-Он чизе ки ба маънои хӯрдан ва нӯшидан бошад, монанди сузандоруи ғизодиҳанда.

5-Ҳиҷомат кардан.

6-Қасдан қай кардан ва қай баровардани таом ва шаробе, ки дар меъда аст, мебошад.

7-Хориҷ шудани хуни ҳайз ва нифос.

С-107/ Шартҳое, ки ин фосидкунандаҳо рӯзаро фосид мекунанд, чист?

Фосидкунандаҳои рӯза, рӯзаро фосид намекунад, магар ба се шарт:

**1-**Ҳукм ва вақтро бидонад.

**2-**Ба ёд дошта бошад.

**3-**Ихтиёр дошта бошад.

С-108/ Маҳосини рӯза чист?

**Маҳосини рӯза бисёр аст ва аз ҷумлаи он:**

**1-**Одат кунондани нафс бар ахлоқи карима, монанди сабр ва ҳилм (нармӣ).

**2-**Ёдоварии банда бар неъматҳои Аллоҳ, яъне аз таому шароб.

**3-**Ёдоварӣ ба эҳтиёҷи фақирон, барои баробарии онҳо ва ба онҳо эҳсон кардан.

**4-**Бар сиҳату саломатии бадан муҳофизат кардан.

# Боб оиди ҳаҷ

С-109/ Маънои ҳаҷ чист?

Ҳаҷ қасд кардани Макка барои амали махсус, дар замони махсус мебошад.

С-110/ Далел бар фарз будани ҳаҷ чист?

Далел бар фарз будани ҳаҷ, фармудаи Аллоҳ таъолост: ﴿وَلِلَّهِ عَلَى ٱلنَّاسِ حِجُّ ٱلۡبَيۡتِ مَنِ ٱسۡتَطَاعَ إِلَيۡهِ سَبِيلٗا﴾ آل عمران: ٩٧

**"Ва барои Аллоҳ ҳаҷҷи хона (Каъба) бар мардум фарз аст (албатта) касоне ки тавоноӣ рафтан ба сӯи онро доранд"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 97)

С-111/ Шартҳои ҳаҷ чист?

**Шартҳои ҳаҷ панҷто аст:**

**1-**Ислом.

**2-**Ақл.

**3-**Балоғат.

**4-**Озодӣ.

**5-**Тавоноӣ.

С-112/ Ибодатҳои махсуси ҳаҷ чист?

**Ибодатҳои махсуси ҳаҷ сето аст:**

**1-**Ҳаҷҷи таматтӯъ.

2-Ҳаҷҷи қирон.

3-Ҳаҷҷи ифрод.

С-113/ Аркони ҳаҷ чист?

**Аркони ҳаҷ чор чиз аст:**

1-Эҳром.

2-Дар Арафа истодан.

3-Тавофи ифоза.

4-Дар байни Сафо ва Марва саъй кардан.

С-114/ Воҷиботи ҳаҷ чист?

**Воҷиботи ҳаҷ ҳафто аст:**

1-Аз миқот эҳром бастан.

2-Дар Арафа то шаб истодан барои касе ки рӯзона омадааст.

3-Шаби рӯзи наҳр (даҳум) дар Муздалифа хобидан.

4-Шабҳои рӯзҳои ташриқ дар Мино хобидан.

5-Ба тартиб сангҳоро задан.

6-Тарошидани мӯи сар ё кӯтоҳ кардан.

7-Тавофи видоъ барои ғайри ҳоиз ва нуфасо.

## С-115/ Суннатҳои ҳаҷ чист?

**Суннатҳои ҳаҷ бисёр аст ва аз ҷумлаи он:**

**1-**Пеш аз эҳром ғусл ва хушбӯӣ кардан.

**2-**Тавофи қудум барои ҳоҷии ҳаҷи муфрид ва қорин.

**3-**Дар се даври якуми тавофи қудум тез ҳаракат кардан.

**4-**Дар тавофи қудум бозӯи ростӣ худро кушодан.

**5-**Баъди тавоф ду ракаат намоз хондан.

**6-**Шаби арафа (нуҳум)-ро дар Мино гузаронидан.

**7-**Аз вақти эҳром то санг задани Ҷамараи Ақаба талбия гуфтан.

**8-**Дар Арафа дар вақти пешин намози пешину аср-ро ҷамъ кардан ва дар вақти шом намози шому хуф-танро дар Муздалифа ҷамъ кардан.

## С-116/ Фарқ байни аркон, воҷибҳо ва суннатҳои он чист?

Рукн он аст, ки ҳаҷ дуруст намешавад, магар ба он ва дар тарки воҷиб қурбонӣ воҷиб мешавад ва аммо анҷоми суннатҳо хуб аст ва бар тарки он чизе лозим намешавад.

С-117/ Ҳаромшудаҳои эҳром дар ҳаҷ ва умра чист?

Ҳаромшудаҳои эҳром: Ашёест, ки бар муҳрим дар ҳаҷ ва умра манъ шудааст ва он се қисм аст:

**Қисми аввал:** Қисме ки бар марду зан ҳаром аст ва он ҳафт манъкарда шудааст:

1-Тарошидани мӯи сар ё ғайра.

2-Гирифтани нохунҳо.

3-Хушбӯӣ кардан.

4-Ақди никоҳ.

5-Мубоширати ба шаҳват.

6-Ҳамхобагӣ кардан.

7-Шикор кардан (куштани сайд).

**Қисми дуюм**: Қисме ки танҳо ба мардон ҳаром карда шудааст ва он ду манъшудааст:

1-Пӯшонидани сар.

2-Пӯшидани либоси дӯхта.

**Қисми сеюм**: Қисме ки танҳо бар занон ҳаром шудааст ва он ду манъшудааст:

1-Пӯшидани ниқоб ё рӯйбанд.

2-Пӯшидани дастпӯшҳо.

## С-118/ Маҳосини ҳаҷ чист?

Маҳосини ҳаҷ бисёр аст ва аз муҳимтарини он:

**1-**Ҷамъ омадани мусалмонон аз ҳамаи шаҳрҳои олам ва ҳосил шудани дустӣ ва муҳаббат ва шинос шудан дар байнашон.

**2-**Ошкор шудани ваҳдат дар байни мусалмонон ва ин ки онҳо як уммат ҳастанд, дар як макон ва дар як замон ва ба як либос ҷамъ меоянд. Дар байни бойю фақир, арабу аҷам ва сафеду сиёҳ фарқ нест.

**3-**Ба ёд овардани охират ва дар пеши Аллоҳ дар рӯзи қиёмат истоданро ба ёд овардан.

## Боби ҷомеъ дар ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат

С-119/ Фирқае, ки аз фирқаҳои мусалмонон аз оташ наҷот меёбад кадом аст?

**Фирқаи наҷотёбанда аз оташ:** Аҳли суннат ва ҷамоат аст.

С-120/ Аҳли суннат ва ҷамоат кист?

Аҳли суннат ва ҷамоат касонеанд, ки бар чанг задан ба суннати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва ба он зоҳиран ботинан дар қавлу амал ва эътиқод амал кардан ҷамъ омадаанд.

Ва гуфта шуд: Аҳли суннат ҳамон аҳли роҳи рост, ки ба исломи дуруст чангзанандаанд, ки онро Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам оварда ва бар он гузаштагони накӯкор сайр кардаанд ва барои ин онҳоро салафӣ номида мешавад.

С-121/ Сабаби онҳоро аҳли суннат ва ҷамоат номидан чист?

Сабаби аҳли суннат номидани онҳо ин аст, ки онҳо ба суннат чанг мезананд ва аҳли ҷамоат номидан ба хотири он аст, ки онҳо бар суннат ҷамъ омадаанд.

❁❁❁

С-122/ Сабаби салафӣ номидани онҳо чист?

Сабаби салафӣ номидани онҳо ба хотири ин аст, ки онҳо бар минҳаҷи салафи солиҳ яъне пайравӣ кардани Қуръон ва суннат ва ба сӯи ин ду даъват кардан ва ба ин ду амал кардан сайр карданд, пас ба ин хотир аҳли суннат ва ҷамоат буданд.

❁❁❁

С-123/ Далел бар ин ки аҳли суннат ва ҷамоат ҳамон фирқаи наҷотёфтааст, чист?

Далел бар ин ки аҳли суннат ва ҷамоат ҳамон фирқаи наҷотёбанда аст, фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: **"Яҳуд бар ҳафтоду як фирқа ҷудо шуд ва насоро бар ҳафтоду ду фирқа ҷудо шуд ва ба зуди ин уммат бар ҳафтоду се фирқа ҷудо мешавад, ҳамаашон дар оташанд ба ҷуз як фирқа. Гуфта шуд: Эй Расулуллоҳ, онҳо кӣ ҳастанд? Фармуд:**

**Касе ки бар чизе ки ман ва ёронам дар он ҳастем"** ва дар ривояте: **"Ҷамоат аст"**[1].

❁❁❁

С-124/ Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар исботи сифати улув ва сифати истиво чист?

Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар исботи сифати улув ва сифати истиво он чизест, ки бар он саҳобагон иҷмоъ карданд ва бар он расулон алайҳимус салоту вассалом иҷмоъ кардаанд, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло дар осмон, дар болои ҳамаи махлуқот, бар болои Аршаш муставӣ аст истивое, ки ба ҷалолу азамати Ӯ лаёқати дорад, дар чизе аз сифатҳояш субҳонаҳу ва таъоло халқашро шабоҳат надорад.

❁❁❁

С-125/ Далел аз Қуръони карим бар исботи сифати улув чист?

Далел бар исботи сифати улув, фармудаи Аллоҳ таъолост: ﴿ ءَأَمِنتُم مَّن فِي ٱلسَّمَآءِ أَن يَخۡسِفَ بِكُمُ ٱلۡأَرۡضَ فَإِذَا هِيَ تَمُورُ ١٦ ﴾ الملك **"Оё худро аз касе ки дар осмон аст, дар амон медонед, (фармон диҳад) замин шуморо фурӯ барад, пас он ногаҳон ба ларзиш дарояд"**. (Сураи Мулк, ояти: 16)

---

[1] Ривояти Тирмизӣ (2641) ва Абӯдовуд (4596) ва Ибни Моҷа (3992) ва Албонӣ дар Саҳеҳи Ибни Моҷа (2/364) онро саҳеҳ гуфт.

ва фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿ سَبِّحِ ٱسۡمَ رَبِّكَ ٱلۡأَعۡلَى ١ ﴾ الأعلى: ١ **"Номи Парвардигори баландмартабаатро ба покӣ ёд кун"**. (Сураи Аъло, ояти: 1), ва дигар оятҳо.

❁❁❁

С-126/ Далел аз суннат бар исботи сифати улув чист?

Далел аз суннат бар исботи сифати улув, ҳадиси чуризан аст, замоне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ӯро пурсида фармуд: **"Аллоҳ дар куҷост?". Пас гуфт: Дар осмон аст. Сипас фармуд: Ман кӣ ҳастам? Пас гуфт: Ту Расули Аллоҳ ҳастӣ, фармуд: Ӯро озод кун, пас ӯ зани мӯъмин аст"**. (Ривояти Муслим, 537)

❁❁❁

С-127/ Далел бар исботи сифати истиво чист?

Далел бар исботи сифати истиво, фармудаи Аллоҳ таъолост: ﴿ ٱلرَّحۡمَٰنُ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ ٱسۡتَوَىٰ ٥ ﴾ طه: ٥ **"(Аллоҳи) Раҳмон бар Арш муставӣ шуд"**. (Сураи Тоҳо, ояти: 5) ва дар шаш мавзеи Қуръон омадааст, фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ ﴾ **"Сипас бар Арш муставӣ шуд"** дар сураи (Аъроф, ояти: 54) ва сураи (Юнус, ояти: 3) ва сураи (Раъд, ояти: 2) ва сураи (Фурқон, ояти: 59) ва сураи (Саҷда, ояти: 4) ва сураи (Ҳадид, ояти: 4).

## С-Маънои истиво чист?

Маънои истиво: Улув ва иртифоъ, яъне фавқи Арш боло шуд ва фавқи он боло шуд, пас маънои истиво дар луғати арабӣ маълум аст ва аммо кайфияти он, номаълум аст, ҳамчуноне ки имом Молик раҳимаҳуллоҳ гуфт: "Истиво маълум ва кайф номаълум ва имон ба он воҷиб ва аз он суол кардан бидъат аст", яъне суол додан аз чигунагии он бидъат аст ва ин қоидаи кулли бар ҳамаи сифатҳост, ки маънои онҳо маълуму кайфияти (чигунагии) он номаълум аст.

## С-129/ Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар Қуръони карим чист?

Мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат дар Қуръон ин аст, ки он ҳарфҳо ва маъноҳояш каломи Аллоҳ таъоло аст, нозилшуда асту махлуқ нест, аз ҷониби Ӯ шурӯъ шуда ва ба сӯи Ӯ боз мегардад, Аллоҳ дар ҳақиқат ба он сухан карда ва онро ба Ҷибраил илқо намуд, пас онро бар қалби Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил кард.

**С-130/ Далел бар ин ки Қуръон каломи Аллоҳ аст, чист?**

Далел фармудаи Ӯ таъолост:

﴿وَإِنۡ أَحَدٞ مِّنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ٱسۡتَجَارَكَ فَأَجِرۡهُ حَتَّىٰ يَسۡمَعَ كَلَٰمَ ٱللَّهِ﴾ التوبة: ٦ **"Ва агар яке аз мушрикон аз ту паноҳ хост, пас ӯро паноҳ бидеҳ, то сухани Аллоҳро бишнавад"**. (Сураи Тавба, ояти: 6) Ва мурод ба каломи Аллоҳ дар оят: Қуръон аст.

❀❀❀

**С-131/ Далел бар ин ки Қуръони карим нозилшудаи ғайри махлуқ аст, чист?**

Далел бар ин ки он нозилшуда аст, фармудаи Ӯ таъолост: ﴿تَبَارَكَ ٱلَّذِي نَزَّلَ ٱلۡفُرۡقَانَ عَلَىٰ عَبۡدِهِۦ﴾ الفرقان: ١ **"Пурбаракат ва бузургвор аст касе ки Фурқон (Қуръон)-ро бар бандааш нозил кард"**. (Сураи Фурқон, ояти: 1) Ва далел бар ин ки Қуръон ғайри махлуқ аст, фармудаи Ӯ таъолост: ﴿أَلَا لَهُ ٱلۡخَلۡقُ وَٱلۡأَمۡرُ﴾ الأعراف: ٥٤ **"Огоҳ бошед офаридану амр аз они Аллоҳ аст"**. (Сураи Аъроф, ояти: 54) Пас амрро ғайри халқ қарор дод ва Қуръон аз амр аст, аз барои фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿وَكَذَٰلِكَ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ رُوحٗا مِّنۡ أَمۡرِنَا﴾ **"Ва ингуна бар ту (эй Паёмбар) рӯҳе (Қуръони карим)-ро ба фармони худ ваҳй кардем"**. (Сураи Шуро,

ояти: 52), зеро ки каломи Аллоҳ сифате аз сифатҳои Ӯст ва сифатҳои Ӯ таъоло ғайри махлуқ аст.

**С-132/ Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар дидани Аллоҳ таъоло чист?**

Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар дидани Аллоҳ таъоло ин аст, ки мӯъминон Парвардигорашонро аён ба чашмонашон дар рӯзи қиёмат ва дар Ҷаннат мебинанд.

**С-133/ Далел бар дидани мӯъминон Парвардигорашонро дар охират чист?**

Далел бар дидани мӯъминон Парвардигорашонро дар охират фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ وُجُوهٌ يَوۡمَئِذٖ نَّاضِرَةٌ ﴿٢٢﴾ إِلَىٰ رَبِّهَا نَاظِرَةٞ ﴿٢٣﴾ ﴾ القيامة: ٢٢ – ٢٣ **"Он рӯз рӯйҳое тоза (ва шодоб) аст, ба сӯи Парвардигораш менигарад"**. (Сураи Қиёмат, ояти: 22-23)

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿ لِّلَّذِينَ أَحۡسَنُواْ ٱلۡحُسۡنَىٰ وَزِيَادَةٞ ﴾ يونس **"Барои касоне ки некӣ карданд, подоши нек (Ҷаннат) аст ва афзун бар он (дидани Аллоҳ таъолост)"**, (сураи Юнус, ояти: 26) Ва дар ҳадиси саҳеҳ омадааст, ки

"ҳусно": Ҷаннат ва зиёдатӣ: Ба ваҷҳи Аллоҳи карим назар кардан аст.[1]

### С-134/ Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар имон чист?

Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар имон ин аст, ки имон ба забон гуфтан ва ба қалб эътиқод кардан ва ба ҷавориҳ (аъзои бадан) амал кардан аст, ба тоат зиёд мешавад ва ба маъсият кам мешавад.

### С-135/ Далел бар ин ки гуфтор ва кирдор аз имон аст, чист?

Далел бар ин ки гуфтор ва кирдор аз имон аст, фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: **"Имон ҳафтоду чанд шоха аст, пас беҳтарини он гуфтани: Ло илоҳа иллаллоҳ ва пасттарини он дур кардани озор аз роҳ аст ва ҳаё шохае аз имон аст"**.[2] пас қавлу амалро аз имон қарор дод.

[1] Саҳеҳи Муслим (181)-ро назар кун!
[2] Ривояти Бухорӣ (9) ва Муслим (35) ва лафз аз они ӯст.

**С-136/ Далел бар ин ки имон зиёд ва кам мешавад, чист?**

Далел бар ин ки имон зиёд ва кам мешавад, фармудаи Аллоҳ таъолост: ﴿ وَيَزۡدَادَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِيمَٰنٗا ﴾ المدثر: ٣١ **"Ва касоне ки имон овардаанд бар имони худ биафзоянд"**. (Сураи Муддасир, ояти: 31)

Ва далели зиёд шудани имон ҳамон далел бар имконияти нуқсони он аст.

❁❁❁

**С-137/ Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар лозим гирифтани ҷамоат чист, бо зикри далел?**

Аҳли суннат ва ҷамоат лозим гирифтани ҷамоати мусалмонон ва имомашонро ва пароканда нашуданашонро воҷиб эътиқод мекунанд ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост: ﴿ وَٱعۡتَصِمُواْ بِحَبۡلِ ٱللَّهِ جَمِيعٗا وَلَا تَفَرَّقُواْ ﴾ آل عمران: ١٠٣ **"Ва ҳамагӣ ба ресмони Аллоҳ (Қуръон ва ислом) чанг занед ва пароканда нашавед"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 103)

❁❁❁

**С-138/ Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар итоати роҳбарон чист, бо зикри далел?**

Аҳли суннат ва ҷамоат итоати роҳбарони мусалмонро дар кори хайр воҷиб эътиқод мекунанд ва агарчи фоҷир бошанд ва далел фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: **"Бар шахси мусалмон гуш ва итоат кардан дар он чизе ки дӯст медорад ва бад мебинад лозим аст, магар ки ба маъсият амр карда шавад, пас агар ба маъсият амр шуд, пас дар ин сурат гуш ва итоат кардан нест"**.[1]

❁❁❁

С-139/Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар фоили кабира чист, бо зикри далел?

Ҳукми фоили кабира дар назди аҳли суннат ва ҷамоат ин аст, ки кофир намешавад ва дар Дӯзах абадӣ намемонад ва амри ӯ ба сӯи Аллоҳ аст, агар хоҳад ӯро ба он чизе ки мустаҳиқ аст, азоб медиҳад ва агар хоҳад, ӯро мағфират мекунад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُ ﴾ **"Албатта Аллоҳ инро ки ба Ӯ ширк оварда шавад намебахшад ва ғайр аз онро барои ҳар кас бихоҳад мебахшад"**. (Сураи Нисо, ояти: 48)

❁❁❁

[1] Ривояти Бухорӣ (7144) ва Муслим (1839).

С-140/ Ҳукми кофир гуфтани мусалмон чист? Ва далел чист?

Кофир ҳукм кардани мусалмон ҳаром аст ва далел фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: **"Касе мӯъминеро ба куфр туҳмат кунад, пас он монанди куштани ӯст"**.[1]

❁❁❁

С-141/ Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар саҳобагон чист?

Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар саҳобагон: Дилҳои аҳли суннат ва ҷамоат нисбати саҳобагони Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз кина, бадбинӣ ва адоват саломат аст ва забонҳояшон аз таъна ва дашноми онон пок аст, пас аҳли суннат ва ҷамоат онҳоро дӯст медоранд ва барои онҳо дуои ризоият мекунанд ва онҳоро ба некӯӣ пайравӣ мекунанд ва барои онҳо ба он чизе ки Аллоҳ таъоло аз онҳо зикр карда аст, дуо мекунанд:

﴿ رَبَّنَا ٱغۡفِرۡ لَنَا وَلِإِخۡوَٰنِنَا ٱلَّذِينَ سَبَقُونَا بِٱلۡإِيمَٰنِ ﴾ الحشر: ١٠ **"Ва касоне ки баъд аз онҳо омаданд, мегӯянд: Парвардигоро! Моро ва бародаронамонро ки пеш аз мо имон оварданд, биёмурз"**. (Сураи Ҳашр, ояти: 10)

[1] Ривояти Бухорӣ, (6105).

## С-142/Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар хонаводаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам чист?

Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар хонаводаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам онҳоро барои ду амр дӯст медоранд: Барои имон ва барои хешовандони Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам буданашон ва локин дар ҳаққи онҳо ғулув намекунанд ба парастидани онҳо ба ҷуз Аллоҳ ё эътиқоди покии онҳо.

## С-143/ Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар вало ва баро чист?

Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар вало ва баро ин аст, ки он аз лавозими имон ва муқтазои шаҳодати "ло илоҳа иллаллоҳ" аст.

**Ва маънои вало:** Муҳаббати мӯъминон ва бо онҳо дӯстӣ кардан аст.

**Ва маънои баро:** Бад дидани кофирон ва бо онҳо душманӣ кардан ва аз онҳо ва аз динашон бароат ҷустан ва дар он чизе ки аз хусусиятҳои онҳост, шабоҳат накардан, локин аз бароати кофирон зулми онҳо ва бар онҳо тааддӣ кардан ё бо онҳо муомала накардан лозим намеояд.

**С-**144/ Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар Исо алайҳис салом чист?

Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар Исо алайҳис салом ин аст, ки Исо бандаи Аллоҳ ва расули Ӯст, банда аст, ки парастида намешавад ва расулест, ки дурӯғгӯ карда намешавад ва ин ки ӯ башаре аз фарзандони Одам аст, аз модар бепадар халқ шудааст.

С-145/ Мавқифи аҳли суннат ва ҷамоат нисбати боқии динҳо монанди яҳудият ва насронӣ чист? Ва далел чист?

Аҳли суннат ва ҷамоат эътиқод доранд, ки дини Ислом ҳамаи динҳои пешинро бекор кардааст ва Аллоҳ таъоло аз ягон кас баъди фиристодани Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам динеро ҷуз Ислом қабул намекунад ва ин ки ғайри Ислом дигар динҳо ботил аст.

С-146/ Далел аз Қуръони карим бар ин ки дини Ислом дини ҳақ аст ва ҷуз он дигар динҳо ботил аст, чист?

Далел аз Қуръони карим бар ин ки дини Ислом дини ҳақ аст ва ҷуз он дигар динҳо ботил аст, фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿ وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٨٥ ﴾

**"Ва ҳар кас дине ғайри Ислом ихтиёр кунад, ҳаргиз аз ӯ қабул намешавад ва ӯ дар охират аз зиёнкорон аст"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 85)

❁❁❁

С-147/ Далел аз суннат бар воҷиб будани имон доштан ба дини Ислом, ки онро расул Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам овардааст, чист?

Далел аз суннат бар воҷиб будани имон доштан ба дини Ислом, ки онро расул Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам овардааст, фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: **"Қасам ба Зоте ки нафси Муҳаммад дар дасти Ӯст, дар бораи ман нафаре аз ин уммат намешунавад, хоҳ яҳудӣ бошад ё насронӣ, сипас мемирад дар ҳоле ки ба он чизе ки ман овардаам имон намеорад, магар ки аз аҳли оташ мебошад"**.[1]

❁❁❁

С-148/ Мавқифи аҳли суннат ва ҷамоат аз ҳуҷҷатҳои Қуръон ва суннат чист, бо зикри далел?

[1] Ривояти Муслим (153).

Мавқифи аҳли суннат ва ҷамоат аз ҳуҷҷатҳои Қуръон ва суннат: Таслим шудан барои ҳуҷҷатҳои Қуръон ва суннати саҳеҳ ва ба онҳо сар фурӯ овардан ва онҳоро ба раъй ё ақл мухолифат накардан ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿ فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤْمِنُونَ حَتَّىٰ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لَا يَجِدُوا فِي أَنفُسِهِمْ حَرَجًا مِّمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا تَسْلِيمًا ﴿٦٥﴾ ﴾ النساء: ٦٥

**"Не, савганд ба Парвардигорат, ки онҳо имон намеоранд, магар ин ки дар ихтилофи худ туро довар қарор диҳанд ва сипас аз доварии ту, дар дили худ эҳсоси нороҳатӣ накунанд ва комилан таслим бошанд"**. (Сураи Нисо, ояти: 65)

❁❁❁

С-149/ Мавқифи аҳли суннат ва ҷамоат аз ҷиҳоди дар роҳи Аллоҳ чист?

Аҳли суннат ва ҷамоат эътиқод доранд, ки ҷиҳод қуллаи баландтарини Ислом аст ва он машрӯъ шуда аст, то ки калимаи Аллоҳ олӣ бошад, локин барои он шартҳо зарур аст, аз муҳимтарини он вуҷуди қудрат ва тавоноӣ аст ва ин ки дар зери парчами роҳбари мусалмонон бошад.

❁❁❁

### С-150/ Мавқифи аҳли суннат ва ҷамоат аз феълҳои ҷамоатҳои ирҳобӣ (терористӣ), ки онро ҷиҳод меноманд, чист?

Аҳли суннат ва ҷамоат аз феълҳои ирҳобиҳо безорӣ меҷӯянд ва агарчи онро ҷиҳод номанд, чаро ки онҳо бар минҳаҷи хавориҷанд ва чаро ки амалҳояшон амалҳои мункар аст, зишт нишон додани Ислом ва тарсондани мардуми дар амн буда ва куштани бегуноҳон ва ҳосил шудани зараpу фасод дар шаҳри мусалмононро дар бар мегирад.

Ва биллоҳ-ит-тавфиқ ва саллаллоҳу ва саллама ало набийино Муҳаммад....

Шаби якшанбе, соати: 01:35, 2/шаъбон/ 1440 ҳиҷрӣ мувофиқи 7/апрели/2019 мелодӣ тарҷумаи ин китоб ба фазлу ёрии Аллоҳ таъоло тамом шуд. Аз Аллоҳ масъалат менамоям, ки ин амалро дар номаи ҳасанотам қарор диҳад.

Бо қалами: Шаҳобиддин Солиҳ

# Феҳрасти бобҳо

Мавзӯъ саҳифа
Пешкаш кардани самоҳати муфтии оми Мамлакат..........3
Пешкаш кардани ҷаноби олӣ шайх доктор
Солиҳ ибни Фавзон ал-Фавзон.......................................4
Пешгуфтори муаллиф......................................................5
Боб оиди се усул.............................................................6
Боб оиди аркони Ислом ва маънои ду шаҳодат...............8
Боб оиди аркони имон ва самараҳои он.........................12
Боб оиди эҳсон ва самараҳои он...................................18
Боб оиди тавҳид ва фазилатҳои он...............................19
Боб оиди риддат...........................................................23
Боб оиди ширк..............................................................26
Боб оиди нифоқ.............................................................30
Боб оиди ибодатҳои шаръӣ ва бидъатҳои манъшуда.....32
Боб оиди вузӯ ва ғусл...................................................37
Боб оиди намоз.............................................................41
Боб оиди закот..............................................................50
Боб оиди рӯза...............................................................53
Боб оиди ҳаҷ...............................................................56
Боби ҷомеъ дар ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат..............61
Феҳрасти бобҳо.............................................................77